**СОЗИШНОМА**
**байни Ҳукумати Муғулистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ**

Ҳукумати Муғулистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд «Тарафҳои Аҳдкунанда» номида мешаванд,

ба хотири мустаҳкам намудани ҳамкориҳои иқтисодӣ барои манфиатҳои мутақобилаи ҳар ду кишвар ва таъмини шароитҳои баробар ва боадолат барои сармоягузориҳои як Тарафи Аҳдкунанда дар қаламрави давлати дигари Тарафи Аҳдкунанда;

бо дарки он, ки созишнома оиди ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузориҳо дар асоси ин Созишнома боиси ҳавасмандгардонидани ташаббусҳои соҳибкорӣ, табодули сармоя ва технология байни ду кишвар мегардад; ва

ба таъмини рушди иқтисодии Тарафҳои аҳдкунанда мусоидат мекунад;

ба мувофиқаи зайл расиданд;

**Моддаи 1**
**Истилоҳот**

Барои мақсадҳои Созишномаи мазкур:

1. Истилоҳи «сармоя» - ҳар як моддаи даромадро ифода мекунад, ки аз ҷониби сармоягузорони яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда дар қаламрави давлати тарафи дигари Аҳдкунанда мувофиқи қонунгузории ҷониби дуюми Тарафҳои Аҳдкунанда ба даст меояд, аз ҷумла, вале бе истисно:

а) амволи манқул ва ғайриманқул ва ё ҳама гуна ҳуқуқҳои моликият, ба мисоли гарав, амволи дар натиҷаи ҳабс барои қарз ба дастомада, ӯҳдадориҳои шартномавӣ, шартнома оид ба иҷора, узуфрукт ва дигар ҳуқуқҳо;

б) ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ба мисоли ҳуқуқи муаллиф, объектҳои патентонидашуда, равандҳои техникӣ, тамғаи тиҷоратӣ, дизайни саноатӣ, номгӯи ширкатӣ, асрори истеҳсолот ва нуфузи кории ширкат;

в) ҳуқуқи амалӣ фаъолияти хоҷагидорӣ, ҳамчунин ҳуқуқи консессия, ки дар ҷустуҷӯ, коркард, истихроҷ ва ё истифодаи каданиҳои фоиданок, ки мутобиқи қонун ё шартнома ба даст омадааст ифода меебад.

Ба таври ҳуқуқӣ тағир додани шакл, ки дар он қиматҳои амволӣ сармоягузорӣ ва ё аз нав сармоягузорӣ мешаванд, ба характери он ҳамчун сармоя таъсир намерасонанд.

2. Истилоҳи «Фоида» - маънои маблағеро дорад, ки дар натиҷаи сармоягузорӣ ҳамчун фоида ба даст меояд. Ин истилоҳ аз

ЦАХИМ АШИГЛАЛТЫН ХУВЬ
ГАДААД ХАРИЛЦААНЫ ТӨВ АРХИВ

чумла, вале бе истисно дар худ мафҳумҳои аз қабили даромад, дивидендҳо, пардохтҳои фоизӣ, ҳаққи қалам, зиёд шудани сармоя, роялтӣ, мукофотҳои комиссионӣ ва литсензиониро шомил месозад.

3. Истилоҳи «Сармоягузор» чунин маъноро дорад:

а) Шахси воқеие, ки дар шаҳрвандии давлати тарафи Аҳдкунанда дорад ё дар қаламрави он истиқомати доимӣ дошта, фаъолияти сармоягузориро ба амал мебарорад;

б) шахси ҳуқуқие, ки тибқи қонунгузории яке аз ҷонибҳои Тарафҳои Аҳдкунанда таъсис ёфтааст, дар қаламрави он ҷойгир шудааст ва мувофиқи қонунгузории он барои сармоягузорӣ кардан дар қаламрави Тарафи дигари Аҳдкунанда ваколатдор аст;

4. Истилоҳи «Қаламрав» чунин истифода бурда мешавад:

а) Ҷумҳурии Тоҷикистон – қаламрави давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо шумули минтақаҳои ҷуғрофӣ, ки мувофиқи ҳуқуқҳои байналхалқӣ ё қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои соҳибихтиёрӣ ва е қонунгузории худро бо мақсади таҳқиқ ва истифодаи захираҳои табиии ин манотиқ амалӣ менамояд;

б) Муғулистон – қаламрави Муғулистон.

5. Истилоҳи «Ташкилоти ваколатдор» маънои агентӣ, намояндагӣ, кафил, қарздиҳандаи яке аз Тарафҳои Аҳдкунандаро дорад.

**Моддаи 2**
**Ҳавасмандгардонӣ**
**ва ҳифзи сармоягузорӣ**

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда тибқи қонунгузории давлати худ барои сармоягузории сармоягузорони тарафи дигари Аҳдкунанда, бояд шароитҳои мусоид фароҳам намуда, ҳавасманд гардонад.

2. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда бояд дар қаламрави давлати худ барои сармоягузории сармоягузорони тарафи дигари Аҳдкунанда низоми мусоид фароҳам оварда, ҳимоя ва бехатариро таъмин намоянд.

3. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда набояд дар қаламрави давлати худ худсарона ё ба таври маҳдудкунии ҳуқуқ, идоракунӣ, таъминкунӣ, истифодабарӣ, ҷамъоварӣ ва супоридани сармояҳои сармоягузорони Тарафҳои дигари Аҳдкунандаро заиф гардонанд.

4. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда набояд ба сармоягузориҳои сармоягузорони Тарафҳои дигари Аҳдкунанда оид ба дастрас намудани мавод, воситаҳои истеҳсолот, амалиёт, боркашонӣ, савдои мол дар доираи қонунгузорӣ.

5. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда дар доираи қонунгузории давлати худ хоҳишу дархостҳоро оиди сармоягузорӣ хайрхоҳона дар қаламрави давлати худ, аз ҷумла, иҷозати киро намудани

ЦАХИМ АШИГЛАЛТЫН ХУВЬ
ГАДААД ХАРИЛЦААНЫ ТӨВ АРХИВ

маъмурон, менеҷерон, мутахассисон ва ҳайати кормандони техникиро оид ба интихоби сармоягузорон баррасӣ менамоянд.

## Моддаи 3
## Низоми сармоягузорӣ

1. Тарафҳои Аҳдкунанда дар қаламрави худ нисбат ба сармоягузорони Тарафи дигари Аҳдкунанда ва фаъолияти онҳо вобаста ба сармоягузорӣ, низоми на кам аз низоми барои сармоягузорони худ ё давлати сеюм мусоидро муҳайё месозанд.

2. Низоми мазкур дахл намекунад ба:

(а) иштирок кардан дар минтақаи савдои озод, иттиҳоди гумрукӣ ё иктисодӣ, иттиҳоди монетарӣ ё Созишномаи байналхалқӣ, ки чунин иттиҳодҳо ё дигар шаклҳои ҳамкориҳои минтақавиро муқарар месозад ва яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда иштирокчии он аст, ё шуда метавонад,

(б) бартариҳое, ки яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда барои сармоягузорони мамлакатҳои дигар дар асоси Созишнома оиди пешгирӣ намудани андозбандии дукарата ё дигар Созишномаҳо доир ба андозбандӣ пешниҳод менамояд.

## Моддаи 4
## Шаффофият

Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда дастрас намудани санадҳои меъерии ҳуқуқии қабулшуда, аз ҷумла Созишномаҳои байналхалқии эътибор пайдокардаро, ки он тарафи онҳо мебошад ва онҳо ба сармоягузории сармоягузори Тарафи дигари Аҳдкунанда метавонад таъсир расонад, тавассути интишор ё дигар роҳ таъмин менамояд

## Моддаи 5
## Кафолати сармоягузорӣ

1. Сармоягузориҳои сармоягузорони яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, ки дар қаламрави давлати Тарафи дигари Аҳдкунанда амалӣ мегарданд, мусодира карда намешаванд, миллӣ кунонида намешаванд ва ё гирифтори чораҳои дигари баробар ба мусодира намегарданд. Чунин чораҳо барои манфиатҳои ҷамъиятӣ ба таври зайл қабул ва иҷро карда мешаванд:

- тибқи тартиби конунгузории муқаррарнамуда;
- бидуни маҳдудкунии ҳуқуқ;
- бо пардохт бидуни таъхир ва ҷуброни мувофиқ.

2. Маблағи ҷуброн ҳангоми мусодира кардани сармоя ё вақте ки хавфи мусодира шудан ба таври расмӣ эълон мешавад, бо назардошти сабабҳои он, муайян карда мешавад;

ЦАХИМ АШИГЛАЛТЫН ХУВЬ
ГАДААД ХАРИЛЦААНЫ ТӨВ АРХИВ

3. Маблағи ҷуброн дар асоси нархҳои ҷории бозорӣ ва ё нархҳои аз ҷониби аудитор ё ширкати аудиторӣ тасдиқшуда ҳисоб карда мешавад ва бе ягон мамоният аз қаламрави як Тарафи Аҳдкунанда ба қаламрави давлати Тарафи дигари Аҳдкунанда интиқол карда мешавад.

4. Ҷуброн тавассути арзе, ки бо он сармоягузорӣ амалӣ гардида буд ва ё бо розигии сармоягузор бо асъори озод мубодилашаванда пардохта мешавад.

## Моддаи 6
## Ҷуброни зарар

Ба сармоягузорони яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, ки дар қаламрави Тарафи дигари Аҳдкунанда сармоягузориро анҷом дода аст ва дар натиҷаи ҷанг ё муқовимати мусаллаҳона, вазъияти фавқулодда, задухӯрдҳои шаҳрвандӣ, ошӯб ва дигар чунин вазъиятҳо зарар оварда шудааст, ҳангоми пардохти ҷуброни зарар низоми шароити на кам аз шароити нисбат ба сармоягузорони давлати сеюм муҳайёсохта пешниҳод мегардад.

## Моддаи 7
## Интиқоли маблағҳо

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда бояд интиқоли пардохти ҳамаи маблағҳое, ки бо сармоягузорӣ вобаста аст, бо арзи қобили табодули озод бетаъхир ҳал намоянд.

2. Тамоми маблағҳо дар доираи Созишномаи мазкур (ба ғайр аз пардохтҳои дохилӣ) бояд бо арзи қобили табодули озод, мувофиқи қонунгузории дохили давлатии Тарафҳои Аҳдкунанда пардохта шавад.

3. Ҳуқуқи сармоягузор ҳангоми интиқоли маблағҳояш бо назардошти пардохти андозҳо тибқи қонунгузории давлати Тарафҳои Аҳдкунанда амалӣ мегардад.

## Моддаи 8
## Суброгатсия

1. Агар Тарафи Аҳдкунанда ё мақоми ваколатдорнамудаи он, ба сармоягузорон пардохтҳоро дар доираи шартномаҳои кафолатӣ ё суғуртавии вобаста ба сармоягузорӣ басташуда супорад, Тарафи дигари Аҳдкунанда азнавгузашткунӣ, гузариши (суброгатсияи) ҳама гуна ҳуқуқҳо ё талаботҳои ба сармоягузор таалуқдоштаро ба тарафи якуми Аҳдкунанда эътироф менамояд.

2. Ҳуқуқҳои гузариш ё талаботи сармоягузор, ҳуқуқҳо ва талаботи аввалаи ӯро зиёд намекунад.

ЦАХИМ АШИГЛАЛТЫН ХУВЬ
ГАДААД ХАРИЛЦААНЫ ТӨВ АРХИВ

## Моддаи 9
## Баҳсҳо байни сармоягузор ва тарафи аҳдкунанда

1. Баҳсҳои байни яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ва сармоягузори давлати Тарафи дигари Аҳдкунанда оид ба сармоягузориҳо бо роҳи гуфтушунид ҳал мегарданд.

2. Агар гуфтушунидҳо дар муддати шаш моҳ аз рӯзи пешниҳоди хаттии гуфтушунид, ҳал нагардад, тарафҳои даъвокунанда метавонанд чунин рафтор кунанд:

а) агар баҳс ба моддаҳои 5,6,7-и Созишномаи мазкур дахл дошта бошад, ин баҳс бо хоҳиши сармоягузор ба суди арбитражӣ пешниҳод карда мешавад;

3. Суди арбитражӣ барои ҳар як кори алоҳида таъсис дода мешавад. Агар Тарафҳои дар баҳс иштироккунанда ба мувофиқа наоянд, ҳар яки онҳо як ҳакамӣ муайян менамоянд. Ҳакамони интихобшуда, раисро интихоб менамоянд, ки ӯ шаҳрванди давлати сеюм мебошад.

Ҳакамон бояд дар муддати ду моҳ, аз рӯзи гирифтани талаби супоридани даъво ба суди арбитражӣ ҷиҳати дида баромадани баҳсҳо аз ҷониби суди арбитражӣ таъин карда шаванд, ҳамзамон раис дар муддати ду моҳи пасоянд.

4. Агар муҳлате, ки дар банди 3-и моддаи зикршуда, иҷро нашуда бошад, ҳар кадоме аз ҷонибҳои <u>баҳсгар</u>, бе ягон аҳднома метавонанд ба Раиси Суди Арбитражи назди Палатаи Савдои Байналхалқӣ дар Париж муроҷиат карда, хоҳиш намоянд, ки таъиноти зарурро анҷом диҳад. Агар Раис аз иҷрои ҳалли масъала набарояд ё агар шаҳрванди давлати Тарафҳои Аҳдкунанда бошад, дар ин ҳолат муқаррароти банди 5-уми моддаи 9-и Созишномаи мазкур ба назар гирифта мешавад.

5. Агар тарафҳо дигар хел мувофиқат накарда бошанд, суди арбитражӣ қоидаву тартиби худро муқаррар менамояд. Қарори он ниҳоӣ ва ҳатмӣ мебошад. Ҳар як Тарафҳи Аҳдкунанда қарори суди арбитражиро эътироф ва иҷро менамояд.

6. Тарафҳои баҳсгар хароҷоти аъзоёни худро дар суд, хароҷоти Раиси суд ва дигар намуди хароҷотҳоро дар суди арбитражӣ баробар пардохт менамоянд.

7. Тарафи Аҳдкунандае, ки тарафи баҳс мебошад наметавонад дар ҳамаи марҳилаҳои мурофиаи арбитражӣ ё иҷрои қарори суд ба он ҳолат такья кунад, ки сармоягузор дар натиҷаи шартномаи суғуртавӣ ҷуброни зарарро пурра ё қисман гирифтааст.

## Моддаи 10
## Баҳсҳо байни Тарафҳои Аҳдкунанда

1. Баҳсҳо байни Тарафҳои Аҳдкунанда вобаста ба тавзеҳ ё истифодаи ҳамин Созишнома бо роҳҳои дипломатӣ ҳал карда мешаванд.

ЦАХИМ АШИГЛАЛТЫН ХУВЬ
ГАДААД ХАРИЛЦААНЫ ТӨВ АРХИВ

2. Агар бо чунин усул баҳсҳо байни Тарафҳои Аҳдкунанда дар давоми шаш (6) моҳ аз лаҳзаи ба таври хаттӣ оиди баҳс огоҳ намудан ҳал нагардад, дар ин сурат бо талаби ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда он ҷиҳати баррасӣ ба Суди арбитражӣ ирсол мегардад, аз се аъзо иборат аст. Ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда як арбитри таъин менамояд, ҳамзамон онҳо дар навбати худ Раис интихоб менамоянд, ки шаҳрванди давлати сеюм аст, ки он бо мамлакатҳои Тарафҳои Аҳдкунанда муносибатҳои дипломатӣ дорад.

3. Агар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда арбитро таъин наменамояд ё бо даъвати Тарафи Аҳдкунандаи дигар ҷиҳати дар муддати ду моҳ таъин намудани арбитр розӣ нашавад, арбитр тибқи дархости ин тарафи даъваткунанда аз ҷониби Президенти суди байналмилалии СММ таъин карда мешавад.

4. Агар ҳарду ҳакам дар мавриди интихоби Раис дар муддати ду моҳ аз рӯзи таъиноти онҳо ба мувофиқа нарасанд, Раис тибқи дархости яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда аз ҷониби Президенти суди байналмилалии СММ таъин карда мешавад.

5. Агар дар ҳолатҳои тибқи бандҳои 3 ва 4-и моддаи мазкур Президенти суди байналмилалии СММ, бинобар ягон сабаб функсияи зикргардидаро иҷро карда натавонад ё ин, ки ӯ шаҳрванди яке аз давлатҳои Тарафҳои Аҳдкунанда бошад, пас таъинотро ноиби Президент анҷом медиҳад. Агар ӯ низ, бинобар ягон сабаб функсияҳои дахлдорро иҷро карда натавонад, пас таъинотро яке аз судяҳои баландмақоми суди байналмилалии СММ, ки шаҳрванди ягон давлати Аҳдкунанда намебошад, анҷом медиҳад.

6. Суди арбитражи бо аксарияти овозҳо қарор қабул мекунад.

7. Ҳар як тарафи Аҳдкунанда вобаста ба таъминоти аъзои худ дар суд, хароҷот мекунад инчунин тибқи саҳми худ дар мурофиаи ҳакамӣ хароҷотҳо оид ба таъминоти Раис ва дигар хароҷот аз ҷониби Тарафҳои Аҳдкунанда бо қисмҳои баробор анҷом дода мешаванд.

8. Қарорҳои суд ниҳоӣ буда иҷрои онҳо барои ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 11**
**Татбиқи Созишнома**

Созишнома нисбат ба сармоягузориҳое, ки дар лаҳзаи эътибор пайдо кардани Созишнома вуҷуд доштанд, ҳамчунин нисбат ба сармоягузориҳои пас аз мавриди қарор гирифтани Созишнома суратгирифта татбиқ мегардад.

ЦАХИМ АШИГЛАЛТЫН ХУВЬ
ГАДААД ХАРИЛЦААНЫ ТӨВ АРХИВ

## Моддаи 12
## Эътибор пайдо намудани Созишнома

1. Созишномаи мазкур аз рузи гирифтани тавассути роҳҳои дипломатӣ охирин огоҳномаи хаттӣ оиди аз ҷониби Тарафҳои Аҳдкунанда иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатӣ, ки барои эътибор пайдо намудани он зарур аст, эътибор пайдо менамояд.

2. Созишномаи мазкур дар муддати 5 сол эътибор дорад. Пас аз анҷом ёфтани муҳлати он, амали он ба худ аз худ ба муҳлати панҷ сол дароз карда мешавад агар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда Тарафи дигарро ба таври хаттӣ 12 моҳ пеш аз ба итмомрасии муҳлати созишнома оиди қатъ намудани эътибори Созишнома огоҳ накунад.

3. Тибқи мувофиқати тартиби тарафайн, ба Созишнома тағйироту иловаҳо дохил кардан мумкин аст, ки онҳо тавассути протоколҳои алоҳида ба расмият даровaрда мешавад ва он ҷузъи ҷудонашавандаи Созишномаи мазкур ҳисоб ёфта, мувофиқи банди 1-и моддаи зикршуда эътибор пайдо мекунанд.

4. Нисбати сармоягузориҳое, ки то санаи қатъ намудани амали Созишнома анҷом дода шудаанд ва таҳти амали он қарор мегиранд, муқаррароти ҳама дигар қисмҳои ин Созишнома, дар муддати 5 соли минбаъда, пас аз санаи қатъ гардидани амали он, эътибор доранд.

Созишнома дар шаҳри Улаанбаатар «27» марти соли 2009 дар ду нусхаи асл, ҳар кадоме ба забонҳои муғулӣ, тоҷикӣ ва русӣ ба имзо расидааст, ва ҳамаи матнҳо эътибори яххела доранд.

Дар сурати пайдо шудани ихтилофот зимни тафсири муқаррароти Созишномаи мазкур матни забони русӣ ба асос гирифта мешавад.

**Аз ҷониби Ҳукумати Муғулистон**

**Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

ЦАХИМ АШИГЛАЛТЫН ХУВЬ
ГАДААД ХАРИЛЦААНЫ ТӨВ АРХИВ